ТДУ. 638.124.2.

# ХОСИЯТҲОИ ХОҶАГИДОРИИ ОИЛАҲОИ ЗАНБӮРОНИ МАҲАЛЛӢ

**Боязитов Ф.А.** -аспиранти ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур

***Калимаҳои калидӣ:*** *кишоварзӣ, зимистонгузаронӣ, авлод, дурага, маҳаллӣ, хӯрока, баҳор, зот, таҳқиқот.*

Занбӯрпарварӣ яке аз соҳаҳои муҳими хоҷагии халқ ба ҳисоб рафта, баробари зиёдшавии талаботи инсоният ба он рушду такомул меёбад. Барои қонеъ намудани талаботи инсон аз занбӯри асал маҳсулоти парҳезӣ ва ғизоӣ, маҳсулоти табиии табобатӣ, инчунин барои саноат ашёи хом гирифта мешавад [2].

Солҳои тӯлонӣ аз ҷумҳуриҳои ҳамсоя овардани зотҳои гуногуни занбӯрони асал ба он оварда расонид, ки занбӯрони маҳаллӣ ба каммаҳсулӣ, хашмгинӣ, зимистонгузаронии суст гирифтор шудаанд. Дар натиҷаи бо зотҳои гуногун дурага гардидан ин занбӯрон бо хусусиятҳои биологию хоҷагидорӣ ва морфологӣ аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Бинобар ин занбӯрони таҳҷоии ҷумҳурӣ таҳлили омилҳои экстерериро талаб намуда, вазифаҳои асосӣ муайян намудани хусусиятҳои биологӣ, морфологӣ ва хоҷагидории занбӯрони маҳаллӣ ва занбӯрони зотҳои овардашуда мебошад. Занбӯрони асали дар ҷумҳурӣ буда, ба шароити иқлими мо мутобиқ гардидаанд.

Бояд қайд намоем, ки маҳсулнокии оилаҳои занбӯрон танҳо аз шароити иқлими маҳал вобаста аст, чунки растаниҳои шаҳддиҳанда барои беҳтар гардонидани соҳаи занбӯриасалпарварӣ ва истеҳсоли маҳсулоти босифати ин соҳа нақши бағоят муҳим доранд[1].

Занбӯриасалпарварӣ дар соҳаи кишоварзӣ басо муҳим буда, барои гардолудкунии растаниҳои кишоварзӣ, ки аксарияти онҳо бо воситаи ҳашаротҳо (энтомофилҳо) гардолуд мешаванд, нақши муҳимро мебозанд ва маҳсулнокии растаниҳоро аз 25 то 50% зиёд менамоянд, ки дар натиҷа самаранокии иқтисодии боғчаи занбӯр ҳам зиёд мегардад.

**Ҳолати омӯзиши мавзӯъ.** Оилаи занбӯри асал ҳамчун маҷмӯи томи биологии мураккаб буда, ягон фарди оила дар алоҳидагӣ зиста наметавонад. Модарзанбӯр метавонад дар як шабонарӯз 2-3 ҳазор дона тухм гузорад. Дар оилаи пурқуввати занбӯри асал дар як мавсим аз 50 то 80 ҳазор ва аз ин ҳам зиёдтар тухмгузорӣ дидан мумкин аст. Нарзанбӯр аз тухми бордорнашудаи модарзанбӯр пайдо шуда, фарди муваққатӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи нақша (программа) ва усули кори илмӣ, мо оилаҳои занбӯрони хоҷагиро 10-тогӣ ба 3 гурӯҳ тақсим намуда, онҳоро дар кандуҳои хобидаи 16 шон ҷой гиранда мансубанд омӯхтем. Аз онҳо натиҷаҳои ба даст овардаро, коркард карда истодаем.

Кори селексионӣ бо усули кор карда баромадаи Институти занбӯрпарварии вилояти Рязани Федератсияи Россия, муайян намудани параметри занбӯрони тадқиқотӣ бо тағйирёбии фенотипҳо ва генотипҳо, муайян намудани миқдори насл ва сифати онҳо ва ғайраҳо гузаронида шуда истодааст [3].

Корҳои илмию таҳқиқотӣ, дар боғчаи занбӯри «Корхонаи воҳидии давлатии Асали Тоҷик» барои муайян намудани хосиятҳои хоҷагидории занбӯрони маҳалӣ ва фарқияти он аз занбӯрони дигар зотҳо муайян карда шуда истодааст, ки дар оянда барои истифодабарӣ дар хоҷагиҳои занбӯрпарварии давлатию шахсиҳо ва деҳқонию фермерҳо истифода бурда мешавад. Чунин корҳои илмию таҳқиқотӣ дар ҷумҳурӣ бори аввал гузаронида мешаванд.

Натиҷаи омӯзиши хосиятҳои хоҷагидории занбӯрони асали маҳаллӣ бо фарқияти занбӯрони гирифтаи якум авлод (Е-1) гуногун мебошанд. Қайд намудан ба маврид аст, ки занбӯрони маҳаллӣ дар тамоми қаламрави ҷумҳурии мо аз шимол то ҷануб, аз ғарб то ба шарқ паҳн шудааст ва ба шароити иқлими мо тобовар мебошанд. Маҳсулнокии онҳо аз 5 то 50 кг буда, дар ҳолати бо озуқа таъмин намудан ва технологияи пешқадамро истифода бурдан, аз як оила то 2-3 оилаҳои хурд сохтан мумкин мебошад. Дар вақти кушодани занбӯрқуттӣ, занбӯррон ором ва ҳангоми кам будани шаҳдҷудокунӣ хашмгин мебошанд. Селашавии табиии онҳо зиёд буда, тухмгузории модарзанбӯр дар як рӯз то 1300-2200 дона мерасад. Таҷрибаҳои гузаронидаи мо нишон додаанд, ки вазни як занӯри корӣ 85- 105 мг буда, дар як кг 8,5-9 ҳазор занбӯр мавҷуд аст. Дарозии хартумчаашон 6,0-6,90 мм буда, рангаш сиёҳи хокистарранг мебошанд.

**Мақсад.** Мақсади асосии таҳқиқот дар он аст, ки бо гузаронидани корҳои селексионӣ байни зоти карпатӣ ва занбурони маҳаллӣ гирифтани авлоди якум мебошад, ки зимистонгузаронии хуб ва маҳсулнокии зиёд дошта бошад. Аз ин лиҳоз

гирифтани авлоди якум аз зоти карпатӣ бо истифодаи занбурони маҳаллӣ яке аз вазифаҳои асосии кори актуалии мо мебошад.

**Натиҷаи таҳқиқот.** Гузаронидани таҷрибаҳо барои омӯзиши хосиятҳои хоҷагидории занбӯрони асали маҳаллӣ бо фарқияти занбӯрони гирифтаи якум авлод (Е-1) дар шароити ҶТ нишон додаанд, ки занбӯрони якум авлод бо нишондодҳои экстерерӣ дарозии хартумча ва дигар омилҳо ба монанди маҳсулнокӣ , зимистонгузаронӣ , тухмгузорӣ фарк менамоянд.

Таҳқиқотҳо оид ба муайян намудани ҳолати зимистонгузаронии оилаҳои занбӯри асали маҳаллӣ чунин будаанд. Баъди асалгирӣ занбӯрпарварон ба мавсими нави омодагӣ ба зимистонгузаронӣ шурӯъ мекунанд. Тавре аз мушоҳидаҳо маълум аст, забӯрон аз лонаҳои худ нарзанбӯронро меронанд ва ҳар як қатраи асалро барои истифода дар фасли сармо сарфакорӣ менамоянд. Маҳсулнокӣ ва тараққиёти занбӯри асал ба шароити зимистонгузаронӣ вобастагии калон дорад. Тайёр кардани оилаҳо ба фасли зимистон аз занбӯрпарварон заҳмату машаққати лозимаро тақозо мекунад.

Баъди тамом шудани шаҳдҷудокунӣ дар охири тобистон модарзанбӯр боз тухмгузориро зиёд намуда, ба парвариши занбӯрони зимистонгузаронанда кӯшиш менамояд. Занбӯрони пир фавтида занбӯрони ҷавони зимистона пайдо мешаванд (август-сентябр-октябр). Дар ин айём занбӯрпарвар бояд ёрии худро ба оилаҳои занбӯри асал расонад, гарм нигоҳ дорад ва ба хӯрокаи хушсифати зимистона омода намудан тайёрӣ бинад. Занбӯрони нав баромадае, ки моҳи октябр ва аввали ноябр парвози тозакунии худро мегузаронанд то охири моҳи март зиста метавонанд. Аммо занбӯроне, ки охири моҳи ноябр баромадаанду парвози назоратӣ ва тозакунии худро нагузаронидаанд онҳо танҳо дар фасли зимистон нобуд мешаванд.

Таҳқиқотӣ илмии зимистонгузаронии занбӯрони офаридаи якум авлод аз занбӯрони маҳаллӣ ва зоти карпатӣ бо чунин хосиятҳо аз ҳамдигар фарқ менамояд.

Рақамҳои нишондоди диограммаи 1 дида мешавад, ки дар тирамоҳ мо қудратнокии оилаи занбӯрони зоти карпатӣ, занбӯрони маҳаллӣ ва занбӯрони офаридаро то 10 байни шон ё 2,5 кг занбӯр барои зимистонгузаронӣ гузошта будаем. Дар зимистони соли 2018-2019 муриши зиёди занбӯрон ба чашм нарасид, чунки оилаи таҳқиқотии мо дар тирамоҳ аз кӯҳистон ба марказ кӯчонида шуд, ки зимистонаш на он қадар хунук набуд. Нишондоди ҷадвал муриши занбӯронро ҳамагӣ 0,5 то 0,6 байни шонро ташкил намуд, ки он ба тараққиёти баҳории занбӯрон таъсири манфӣ намерасонад.




**Диаграмма - Зимистонгузаронии занбӯрони офаридаи якум авлод бо фарқияти зоти карпатӣ ва занбӯри маҳаллӣ (2018-2019).**

Гарчанде мо байни шонро гуфта гузаштем, аммо аз 60 оила дар варианти занбӯрони маҳаллию занбӯрони офаридашуда 2-оила ё 96,6% занбӯрон зимистонро гузарониданд, дар варианти занбӯрони зоти карпатӣ бошад 95,0% занбӯрон

зимистонро бомуваффақият гузаронидаанд. Чунин талафёбии оилаҳои занбӯри асал ба чашм ноайён мебошад.

Яке аз омилҳои асосии зимистонгузаронӣ ин сарфи хӯрока барои оилаи занбӯр дар моҳи ноябр то феврал мебошад, ки ҳамагӣ дар як моҳ 1,0- 1,200 кг хӯрока сарф менамояд. Ба ҳамаи вариантҳои таҳқиқотӣ дар фасли тирамоҳ аз 10,0 кг хӯрока гузошта будем. Сарфи аз ҳама кам дар гурӯҳи занбӯрони офаридаи якум авлод буд, ки 64,7% ташкил намуд, занбӯрони зоти карпатӣ ва занбӯрони маҳаллӣ ба миқдори 66,0 ва 66,3% хӯрока сарф намудаанд, ки назар ба занбӯрони якум авлод 1,6 ва 1,3% зиёд мебошанд. Аз дигар тараф сарфи хӯрока ба шумораи занбӯрон, сифати хӯрока, ҳолати занбӯрқуттӣ, намнокӣ, гармӣ ва ғайраҳо вобаста мебошанд.

## АДАБИЁТ


1. Жеребкин М.В. Зимовка пчел. Зимостойкость пчел. /М.В. Жеребкин// Москва-Россельхозиздат.-1979.-С.5-11.
2. Шарипов А. Факторы, влияющие на продуктивность пчелиных семей после зимовки в условиях Республики Таджикистан / А. Шарипов // Вестник педагогического университета, 2012 №2.-С.54-59.
3. Билаш Г.Д. Селекция пчел. Методика оценки основных селекционных признаков пчел. / Билаш Г.Д., Кривцов Н.И.//.-Москва ВО Агропромиздат.- С. 175-207.



## АННОТАЦИЯ

## ХОЗЯЙСТВЕННЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ СВОЙСТВ МЕСТНЫХ ПЧЕЛ

В статье рассматривается технология получения первого поколения пчелиных семей, которые превосходят карпатскую породу и местную породу пчел по зимостойкости. Кроме того, способность получения пчел по расходу кормов зимой ниже, чем у карпатской и местной породы пчел на 1,3 -1,6%.



***Ключевые слова:*** *сельское хозяйство, зимовка, помесь, местные, корма, весна, исследования.*



## ANNOTATION

## ECONOMIC INDICATORS PROPERTIES OF LOCAL BEES

The article discusses the technology of obtaining the first generation of bee families that surpass the Carpathian breed and local bees for winter hardiness. In addition, the ability to obtain bees for feed consumption in winter is lower than the Carpathian breeds and local bees by 1.3 - 1.6%.



***Key word:*** *keshavarz, similarusers, crossbred, Durga, Mall, hraka, bar, breed, researches.*